Хадамоти гумруки назди
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

734025, ш.Душанбе, к.Бухоро -50/1,
тел/факс+ (992 37) 221-22-35, 221-46-30

Агентии стандартизатсия,
метрология, сертификатсия ва
нозироти савдои назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
(ТОҶИКСТАНДАРТ)

734018, ш.Душанбе, к. Н. Қарабаев 42/2
тел/факс: (+992 37) 233-68-69, 234-19-33

# ФАРМОИШИ ЯКҶОЯ

№ф-58 аз «01» 05 соли 2024 №53ф/а аз «01» 05 соли 2024

Дар бораи Тартиби ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани маҳсулоти ҳатман сертификатсияшаванда

260.010.000.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат»

## ФАРМОИШ МЕДИҲЕМ:

1. Тартиби ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани маҳсулоти ҳатман сертификатсияшаванда тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Фармоиши мазкур ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

4. Фармоиши якҷояи сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 феврали соли 2014, №Ф-41 ва директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 феврали соли 2014, №19ф/а «Дар бораи тасдиқ намудани «Тартиби ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани маҳсулоти ҳатман сертификатсияшаванда», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 феврали соли 2014, №727 ба қайд гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ МЕЪЁРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1284
«6» 06 с.2024

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовини якуми директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шавад.

| | |
|---|---|
| Сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Каримзода Хуршед Абдураҳмон | Абдулваҳобзода Темурҷон Назурулло |

НАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ВА БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1284
"6" 06 с.2024

Бо фармоиши якҷояи сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон ва директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «01» 05 соли 2024, №Ф-58
аз «01» 05 соли 2024, №53ф/а
тасдиқ шудааст

Тартиби ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани маҳсулоти ҳатман сертификатсияшаванда

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани маҳсулоти ҳатман сертификатсияшаванда (минбаъд-Тартиби мазкур) дар асоси талаботи қисми 2 моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» таҳия шуда, тартиби ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани маҳсулоти ҳатман сертификатсияшавандаро муайян менамояд.

2. Дар ҳудуди гумрукӣ барои ба муомилоти озод баровардан маҳсулоти ҳатман сертификатсияшаванда ба тасдиқи мутобиқат фаро гирифта мешавад.

3. Дар ҳудуди гумрукӣ ба тасдиқи мутобиқати ҳатмӣ маҳсулоте фаро гирифта мешаванд, ки тибқи талаботи регламентҳои техникӣ ё номгӯйи маҳсулот (кор, хизматрасонӣ), ки бояд ҳатман сертификатсия карда шаванд, ба сертификати ҳатмӣ мансуб мебошанд.

4. Маҳсулоте, ки ба сертификатсияи ҳатмӣ мансубанд, бо шарти ухдадор гаштани декларант ҷиҳати гирифтан ва пешниҳоди сертификати мутобиқат ба мақомоти гумрук дар шакли электронӣ тавассути низоми «Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ» (минбаъд-низоми «Равзанаи ягона») дар муҳлати муайяннамудаи Тартиби мазкур шартан иҷозат дода мешаванд.

5. Маҳсулоти шартан иҷозатдодашуда таҳти назорати гумрукӣ қарор мегирад.

6. Қарор оид ба пешниҳоди сертификати мутобиқат тариқи низоми «Равзанаи ягона» дар шакли электронӣ нисбат ба маҳсулоте амалӣ карда мешавад, ки тибқи талаботи банди 3 Тартиби мазкур ба сертификатсияи ҳатмӣ мансуб буда, дар як декларатсияи гумрукии бор арз гардида, аз

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/№ 1284
"6" 06 с.2024

ҷониби як ирсолкунанда ба суроғаи як қабулкунанда фиристода шуда бошад.

7. Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, №410 «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми «Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ» бо мақсади барасмиятдарории гумрукӣ сертификати мутобиқат ба мақомоти гумрук тариқи низоми «Равзанаи ягона» дар шакли электронӣ дода мешавад. Сертификати мутобиқат ба миқдори муайяни маҳсулот, як номгӯй ва ба гурӯҳи маҳсулоти якхела барасмиятдаровардашуда дода мешавад.

## 2. РАСМИЁТИ АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ МАҲСУЛОТИ ВОРИДШУДА АЗ ҶОНИБИ МАҚОМИ ВАКОЛАТДОР ДАР СОҲАИ БАҲОДИҲИИ МУТОБИҚАТ

8. Мақоми ваколатдор дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат баъд аз гирифтани хабарнома тариқи низоми «Равзанаи ягона» дар бораи маҳсулоти воридшуда, маҳсулоти пешниҳодшударо аз муоина гузаронида, намуна мегирад, ҳаммонандсозӣ (идентификатсия) ва ташхиси онҳоро мегузаронад.

9. Азназаргузаронии маҳсулоти воридшуда бо гирифтани намунаҳои ин маҳсулот бо мақсади сертификаткунонӣ аз тарафи мақоми ваколатдор дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат дар ҳузури намояндаи мақомоти гумрук ва бо иштироки соҳиби маҳсулот амалӣ карда мешавад.

10. Аз рӯйи натиҷаи азназаргузаронӣ дар ду нусха санади гирифти намуна тартиб дода шуда, аз ҷониби тарафҳои иштирокдошта ба имзо расонида мешавад. Як нусхаи санад ба соҳиби маҳсулот дода шуда, нусхаи дигар дар дасти намояндаи мақоми ваколатдор дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат мемонад. Дар санади мазкур миқдор ва вазни намунаҳои интихобшуда дарҷ карда мешавад.

11. Муҳлати пешниҳоди сертификати мутобиқат тавассути низоми «Равзанаи ягона» аз тарафи мақоми ваколатдор дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат бояд аз 3 рӯзи корӣ зиёд набошад ва барои маҳсулоти зудвайроншаванда набояд аз 2 рӯзи корӣ зиёд бошад.

12. Муҳлати ниҳоӣ барои додани сертификати мутобиқат тавассути низоми «Равзанаи ягона» дар шакли электронӣ дар ҳолатҳои зерин бояд аз 7 рӯзи корӣ зиёд набошад:

- агар барои корҳои сертификаткунонӣ зиёда аз 3 номгӯйи маҳсулоти пешниҳодшуда бошад;
- агар муҳлати интихоби намуна байни дархостдиҳанда ва мутахассис мувофиқа нашуда бошад;
- агар зарурати гузаронидани ташхиси иловагӣ пайдо шавад.

13. Мақоми ваколатдор дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат сертификати мутобиқатро пас аз иҷрои уҳдадориҳои базиммагирифтаи

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1034
"6" 06 с.2024

дархостдиҳанда тавассути низоми «Равзанаи ягона» ба мақомоти гумрук пешниҳод менамояд.

14. Дар ҳолатҳои иҷро нашудани шартнома миёни дархостдиҳанда ва мақоми ваколатдор дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат, аризаи шаклаш ягонаи он ба ҳолати «Дархостшуда» гузаронида шуда, муҳлати додани сертификати мутобиқат мавқуф гузошта мешавад.

## 3. ПАЙДАРПАЙИИ РАСМИЁТИ ГУМРУКӢ ОИД БА БАРАСМИЯТДАРОРИИ МАҲСУЛОТИ ШАРТАН ИҶОЗАТДОДАШУДА, КИ БА СЕРТИФИКАТСИЯИ ҲАТМӢ МАНСУБАНД

15. Асос барои шартан иҷозат додани маҳсулоте, ки ба сертификатсияи ҳатмӣ мансубанд, ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ва уҳдадориҳои дархосткунанда дар бораи пешниҳод намудани сертификати мутобиқат тариқи низоми «Равзанаи ягона» дар муҳлатҳои пешбининамудаи бандҳои 11 ва 12 Тартиби мазкур ба ҳисоб меравand. Қарор дар бораи имконияти шартан иҷозат додани маҳсулот аз тарафи шахси масъули мақомоти гумрук қабул карда мешавад.

16. Қарор дар бораи шартан иҷозат додани маҳсулот дар рӯзи гирифтани декларатсияи гумрукии бор, ки аз ҷониби декларант (брокери гумрукӣ) пешниҳод гардидааст, на дертар аз 2 рӯзи корӣ аз рӯзи пешниҳод ва иҷрои шартҳои муқаррарнамудаи моддаи 151 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад.

17. Уҳдадориҳо аз тарафи декларант ба мақомоти гумрук дар шакли хаттӣ пешниҳод карда мешаванд, ки дар он маълумотҳои зерин дарҷ карда мешавад:

- муҳлати банақшагирифтаи ҳамлу нақли маҳсулот ба маҳалли нигаҳдорӣ;
- муҳлати банақшагирифтаи пешниҳоди сертификати мутобиқат дар шакли электронӣ;
- ба шахси сеюм пешниҳод накардани маҳсулот дар шаклҳое, ки қисми 2 моддаи 151 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст;
- дар бораи хабардор будани шахси аризадиҳанда оид ба ҳолатҳои нисбати ӯ татбиқ шудани тадбирҳои ҷавобгарӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои ба зиммаи худ гирифта;
- декларант (брокери гумрукӣ) дар муҳлати на зиёда аз як рӯзи корӣ аризаи шаклаш ягонаро бо замимаи ҳуҷҷатҳои тиҷоратии дархосткунанда тариқи низоми «Равзанаи ягона» ба мақомоти ваколатдор дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат ирсол менамояд.

18. Қарор дар бораи иҷозати шартӣ ба системаи иттилоотии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуда, танҳо пас аз ин маҳсулот мақоми иҷозати шартиро мегирад.

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
...ГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б №
«6» 06 с.20 24

19. Дар декларатсияи бори гумрукӣ санаи иҷозатдиҳӣ, нақши муҳри рақамдори шахсӣ ва имзои нозири барасмиятдарори гумрукӣ гузошта мешавад.

20. Дар ҳолати аз ҷониби декларант пешниҳод шудани хуҷҷати номутобиқатии маҳсулот ба талаботи бехатарӣ ва сифат ва манъи фурӯши маҳсулот дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, декларатсияи гумрукӣ беэътибор дониста шуда, маҳсулот бояд тибқи талаботи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти низоми гумрукии дигар аз нав ба расмияти гумрукӣ дароварда шавад.

21. Декларант баъд аз қабул намудани қарор дар бораи шартан иҷозат додани маҳсулоти воридшуда бояд фавран тариқи низоми «Равзанаи ягона» ба мақоми ваколатдор дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат дар бораи декларатсияи бори гумрукӣ ва ӯҳдадориҳои иштирокдорони фаъолияти иқтисодии хориҷӣ оид ба пешниҳод намудани сертификати мутобиқат хабар диҳад.

22. Мақоми ваколатдор дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат баъди гузаронидани корҳои сертификаткунонӣ дар навбати худ мақомоти гумрукро тавассути низоми «Равзанаи ягона» дар бораи додан ва ё сабаби надодани сертификати мутобиқат хабардор менамояд.

23. Мақомоти гумрук иҷозати воридоти маҳсулотро бе талаби пешниҳоди сертификати мутобиқат мутобиқи банди 35 Тартиби иҷрои корҳои сертификатсия, ки бо фармоиши директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2022, №41-ф/а тасдиқ гардида, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 апрели соли 2022, №1157 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, дар шакли электронӣ ба роҳ мемонад.

24. Мақомоти гумрук дар асоси маълумоте, ки дар доираи низоми «Равзанаи ягона» дастрас мешавад, иҷозати воридоти маҳсулоти барои расонидани ёрӣ дар ҳолати офатҳои табиӣ, низои ҳарбӣ, фалокати (садама) технологӣ, кумакҳои башардӯстона таъин шудаанд, инчунин дигар маҳсулоте, ки тибқи қонунгузорӣ аз сертификатсиякунонӣ озод мебошанд, бидуни талаби маълумотнома (хулоса)-и мақоми ваколатдор дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат барасмиятдарории гумрукиро анҷом медиҳад.

## 4. ӮҲДАДОРИИ МАҚОМОТИ ГУМРУК ВА МАҚОМИ ВАКОЛАТДОР ДАР СОҲАИ БАҲОДИҲИИ МУТОБИҚАТ

25. Мақомоти гумрук ва мақоми ваколатдор дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат ӯҳдадоранд, ки мунтазам оид ба ҳолати риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи иштирокдорони фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар робита бо риояи низоми иҷозати шартии маҳсулот ва сертификаткунонии маҳсулоте, ки ба сертификатсияи ҳатмӣ мансубанд, тавассути низомҳои электронӣ ба ҳамдигар мубодилаи ахбор дошта бошанд.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1284
«6» 06 с.2024

26. Назорати дурустии барасмиятдарории гумрукӣ ва гузаронидани корҳои сертификаткунонии маҳсулот, ки ба сертификатсияи ҳатмӣ мансубанд, аз тарафи роҳбари мақомоти ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ва роҳбари мақоми ваколатдор дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат ба роҳ монда мешавад.

27. Нозирони барасмиятдарори гумрук ва кормандони масъулини мақоми ваколатдор дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат уҳдадоранд расмиёти қабул ва пешниҳоди сертификати мутобиқатро тавассути низоми «Равзанаи ягона» анҷом диҳанд.

28. Ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳолатҳои ғайричашмдошт дар низоми «Равзанаи ягона» корҳои сертификатсияи ҳатмӣ то бартараф гаштани онҳо муваққатан бо истифода аз ҳомили коғазӣ амалӣ карда мешавад.

29. Шахсоне, ки талаботи Тартиби мазкурро вайрон мекунанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

НАЗОРАТИ А... ЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1284
«6» 06 с.2024